«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
__________________
«06» 04 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **Файзова Таҳмина Иззатуллоевна «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Файзова Таҳмина Иззатуллоевна** соли 2015 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Файзова Таҳмина Иззатуллоевна тибқи фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои идома додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (барои ба анҷом расонидани рисолаи номзадӣ) ба сифати муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба гурӯҳи шартномавӣ қабул шудааст (фармоиш барои қабул № 465-05 аз 06.12.2023).

Роҳбари илмии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна доктори илмҳои филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ **Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна** мебошад.

Диссертант Файзова Таҳмина Иззатуллоевна имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» (14 январи соли 2023) таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «аъло» (4 феврали соли 2023) ва аз рӯйи ихтисос – забони тоҷикӣ бо баҳои «аъло» (22 феврали соли 2024) супорида, дар ин бора Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ӯ 14 марти соли 2024 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Солҳои охир мавзуи одоби муошират дар радифи илмҳои дигар дар таҳқиқоти забоншиносӣ низ мавқеи муайян пайдо карда, ҳадафи он аз мушоҳида ва омӯхтани зуҳуроти иҷтимоӣ дар забон иборат аст. Дар ин замина омузиши одоби муҳоварат, ки доираи васеи воҳидҳои коммуникативиро бо вазифаю маъноҳои махсус ва иртиботи

коммуникативии муошираткунандагон, стратегия ва тактикаи иртиботи онҳо, асноҳои муошират ва муносибатҳои иҷтимоии шарикон фаро мегирад, бешубҳа, ба забони тоҷикӣ низ алоқаманд аст. Баланд шудани сатҳи худшиносии миллӣ, тағйироти муайяни арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқӣ, руй овардан ба арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳар як халқ муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад. Одоби муҳоварат, ки бо урфу одат, табиату завқи эстетикии мардумон алоқаманд аст, бо вижагиҳои миллӣ ва фарҳангӣ фарқ мекунад. Бо назардошти ин матлаб Файзова Таҳмина зарурати муайян кардани дараҷаи истеъмоли намунаҳои воҳидҳои одоби муҳоваратро дар асноҳои гуногуни муошират асоснок намудааст. Ба андешаи ӯ, ҳар як ҷомеа меъёрҳо ва қоидаҳои одоби муқарраршударо таҳия менамояд, ки рафтори шахсро мувофиқи талаботи иҷтимоӣ танзим мекунад ва дар одоби муҳоварат ифодаҳои заруриро ба вуҷуд меорад. Одоби муҳоварат бинобар такрори пайваста дар асноҳои маъмулии муошурати мустақим дар шакли стереотипҳо, ифодаҳо, қолабҳо, воҳидҳои устувори коммуникативӣ вуҷуд дорад. Ба сифати объекти таҳқиқ интихоб намудани осори Фазлиддин Муҳаммадиевро Файзова Таҳмина ба самти инсондустии эҷодиёти адиб ва дар консепсияи бадеии нависанда алоқамандии зич доштани тамоюлҳои ҷаҳонбинии фарҳангҳои мухталиф, хусусиятҳои хоси забони асарҳои адиб ҳамчун инъикоскунандаи меъёрҳои забонии одоби муошурати асри XX вобаста медонад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқ тавзеҳи махсусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва миллӣ-фарҳангии воҳидҳои одоби муҳоварат – қолабҳои устувори муошират ва корбасти онҳо бо назардошти вазъи иҷтимоии муошират – мавқеи иҷтимоии дар ҷомеа ишғолкарда, миллат, синну сол ва ҷинс дар заминаи асарҳои бадеии Ф.Муҳаммадиев, инъикоси одоби муоширати асри XX тавассути муайян намудани махсусиятҳои забон ва услуби Ф.Муҳаммадиев мебошад.

**Навоварии таҳқиқ** аз ҳалли масъалаи одоби муошират ҳамчун масъалаи давлатӣ сарчашма мегирад ва ҳалли он имкон медиҳад, ки системаи мазкур бо назардошти ҳама он чизе, ки наслҳои гузашта ҷамъ овардаанд ва то ҳол дар адабиёти бадеӣ ҳамчун ганҷинаи бебаҳои мероси

фарҳангӣ нигоҳ дошта мешаванд, баррасӣ гардад. Дар диссертатсияи мазкур бори аввал воҳидҳои одоби муҳоварат дар заминаи матнҳои бадеии инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони асри XX мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Мавридҳои истифодаи қолабҳои устувори муошират вобаста ба тафовути омилҳои иҷтимоӣ, синнусолӣ, гендерӣ, инчунин имкониятҳои воситаҳои гуногуни муошırати ғайризабонӣ муқаррар карда шуда, аз ҷиҳати сохторӣ, маъноӣ ва услубӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** аз он иборат аст, ки он дар рушди минбаъдаи назарияи лингвистикаи коммуникативӣ, омӯзиши қолабҳои жанрҳои одоби муҳоварат дар осори бадеӣ саҳм мегузорад ва ин имконият медиҳад, ки усули мазкур дар омузиши эҷодиёти нависандагон ҳангоми ба система даровардани мавод истифода шавад. Ба ғайр аз ин, коркарди назариявии масъалаҳои диссертатсия ба мушаххасгардонии ақидаҳои дар илми забоншиносӣ доир ба нақши функсионалии жанрҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ мавҷудбуда нигаронида шудааст. Боварӣ дорем, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таълими одоби муҳоварати тоҷикӣ, ҳамчунин дар таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни хориҷӣ кӯмак хоҳанд кард. Маводи рисола инчунин барои онҳое, ки ба таърихи Тоҷикистон, фарҳангу адабиёти ғанӣ ва гуногунҷанбаи он, аз ҷумла ба одоби муҳоварат таваҷҷӯҳ доранд, муфид буда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷа ва маводи амалии он дар лексикография ҳангоми тартиб додани луғатҳои муаллифӣ, луғатҳои семантикӣ ва луғат-маълумотномаҳои жанрҳои одоби муҳоварат, муҳоваразо; дар мактабҳои олӣ дар курсҳои «Одоби муҳоварат», «Ҳусни баён», «Услубшиносӣ»; дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар машғулиятҳои берунаэсинфӣ аз забон ва адабиёти тоҷик истифода шуда метавонад. Дар талабагон тарбия намудани малакаҳои одоби муошират аз бисёр ҷиҳат ба амиқтар ва бошуурона омӯхтани забони модарӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо мусоидат мекунад. Дар машғулиятҳо оид ба маданияти нутқ ва одоби нутқ аз беҳтарин асарҳои бадеӣ истифода бурда, ба шунавандагон таъсир расонда, на танҳо завқи зебоӣ, балки эстетикӣ ва маънавиро ҳам инкишоф додан мумкин аст. Муқоисаи қолабҳои (клишеҳои) одоби муҳоварат, ки дар нутқи ҳамарӯза истифода мешаванд, бо шаклҳое, ки дар онҳо ҳар як калима фарогири маъниҳои лутфу нафосат аст, ба эҳёи маънавӣ, эстетикӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Мундаричаи асосии диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар 6 мақола, аз ҷумла 4 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд.

**I. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Файзова Т.И. Махсусиятҳои корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат дар «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф.Муҳаммадиев / Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С.70-77

[2-М]. Файзова Т. И. Семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев / Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С.87-95

[3-М]. Ҷӯраева М.Р., Файзова Т.И. Хусусиятҳои воҳидҳои одоби муҳоварат дар муросилоти расмӣ / М.Р. Ҷӯраева, Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С.5-12

[4-М]. Файзова Т.И. Хушмуомилагии лингвистӣ ва одоби муҳоварат дар асари бадеӣ / Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №5. – С.52-60

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳои илмии дигар**

[5-М]. Файзова Т.И. Махсусиятҳои корбасти мухотаб дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев / Т.И. Файзова // Забон ҳастии миллат (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо», 15 июни соли 2022. Қ.1. – Душанбе, 2022. – С. 258-262

[6-М]. Файзова Т.И. Нақши қолабҳои устувори муоширатдар асари бадеӣ / Т.И. Файзова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо». – 22 декабри соли 2023. – С. 289-295

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевнаро дар мавзуи **«Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 7 аз 30. 03. 2024

Мудири кафедраи услубшиносӣ
ва таҳрири адабӣ, дотсент,
номзади илми филология — Сафаров Ҳ.О.

Котиби илмӣ, номзади
илми филология — Исмоилова Ш.Ҷ.

Имзоҳои Ҳ.О. Сафаров
ва Ш.Ҷ. Исмоиловаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj